Ҳаргоҳ яке аз шумо вузӯ гирифт ва мӯза ё пояфзоли аз буҷулакҳо боло пӯшид, бо онҳо намоз хонад ва бар онҳо масҳ бикашад ва агар хост онҳоро набарорад, магар дар ҳолати ҷанобат

Аз Анас (разияллоҳу анҳу) ривоят аст, ки Расули Аллоҳ (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) фармуданд: "Ҳаргоҳ яке аз шумо вузӯ гирифт ва мӯза ё пояфзоли аз буҷулакҳо боло пӯшид, бо онҳо намоз хонад ва бар онҳо масҳ бикашад ва агар хост онҳоро набарорад, магар дар ҳолати ҷанобат."

[Саҳеҳ] [رواه الدارقطني]

Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) баён намуданд, ки ҳаргоҳ мусалмон масҳияшро баъд аз вузӯи комил бипӯшад, сипас бевузӯ шавад ва хоҳад вузӯи нав бигирад, барояш ҷоиз аст, ки бар онҳо масҳ бикашад ва бо онҳо намоз бихонад, то муҳлати муайяншуда (барои муқим як шабонарӯз ва барои мусофир се шабонарӯз), магар дар ҳолати ҷанобат, ки бояд онҳоро барорад ва ғусл кунад.

http://www.sunnah.global/hadeeth/tg/show/8392